# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

### Дар бораи Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023

Мутобиқи моддаи 6(1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва бо мақсади паст намудани сатҳи гирифторшавӣ, маъюбшавӣ, фавт аз бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Нақшаи татбиқи Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023 - ро барои солҳои 2013 - 2015 тасдиқ намояд;

- якҷоя бо дигар вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо татбиқи Дурнамои мазкурро таъмин намояд;

- ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии техникии татбиқи Дурнаморо таъмин намояд;

- дар бораи натиҷаҳои татбиқи Дурнамо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ахбор манзур намояд.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо:

- ҷиҳати татбиқи самараноки ҳадафҳои Дурнамо барномаҳои минтақавии пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардориро тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намоянд;

- шӯроҳои ҳамоҳангсозиро оид ба татбиқи Дурнамои мазкур таъсис диҳанд.

4. Дар банди 20 Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2012, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №316 тасдиқ шудааст, калимаҳои "Дар бораи тасдиқи Дурнамои фарогири пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ дар Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2013 -2020" ба калимаҳои "Дар бораи Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023" иваз карда шаванд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 декабри соли 2012, № 676

ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 декабри соли 2012,

№676 тасдиқ шудааст

# Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023

## 1.Мафҳумҳои асосӣ

Натиҷаҳои охирин (фосилавӣ) - маҳсулот, хизматрасонӣ ва дигар тарҳҳо (масалан, дастур оид ба пешгирӣ, дастурамал, муқаррароти қонунгузории андоз), ки натиҷаи бевоситаи фаъолияти барнома ё ташкилот мебошад.

Захираҳои сарфшаванда - васоити молиявию моддӣ, инчунин малакаву маҳорати кормандон ва ихтиёриён, ки дар рафти барнома, раванди муайян истифода бурда мешаванд.

Тибби собитшуда - истифодаи бошуурона ва пайдарҳам дар амалияи клиникии амалиёт, ки нисбат ба фоиданок будани онҳо далелҳои боварибахш мавҷуданд.

Тарзи ҳаёти солим - тарзи ҳаёти инсон, ки ба пешгирии бемориҳо ва мустаҳкам намудани саломатӣ равона карда шудааст.

Сироят - ин падидаи биологие мебошад, ки моҳияти он воридшавӣ ва афзоиши микроорганизмҳо ва рушди минбаъдаи шаклҳои гуногуни таъсири байниҳамдигарии онҳо аз ҳомили барангезандаҳо то бемории зоҳиршаванда аст.

Бемориҳои сироятӣ - ин гурӯҳи бемориҳое мебошанд, ки дар натиҷаи ба организм ворид шудани микроорганизмҳои бемориофар (бактерияҳо, вирусҳо, замбурӯғҳо, соддатаринҳо ва ғайра) пайдо шуда, бо мавҷуд будани давраи инкубатсионӣ, аксуламали муайяни организми сироятёфта ба воридшавӣ ва афзоиши барангезанда, ки ҷараёни давравӣ дошта, натиҷаи он ташаккули масунияти баъдисироятӣ мебошад, тавсиф меёбад.

Дастурҳои клиникӣ - ин муқаррароти мунтазам таҳияшавандае мебошанд, ки ба табиби амалӣ ва беморон дар қабул намудани қарори дурусти ба саломатии бемор дахддор дар шароитҳои махсуси клиникӣ кӯмак мерасонанд.

Натиҷаҳои ниҳоӣ - тағйирот бо амалиёт бавуҷудомада дар ҳолати ҳозира ва ояндаи вазъи саломатӣ ё дар рафтор алоқаманд мебошад.

Амалиёти байнисохторӣ (байнисоҳавӣ) - кӯшишҳои якҷояи бахши тандурустӣ ва дигар соҳаҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ.

Бисёромила - истилоҳи бо консепсияе асоснокшуда, ки беморӣ ё дигар оқибати он метавонанд зиёда аз як сабаб дошта бошанд.

Ташаккули иқтидор - раванди ғуншавии донишу таҷрибаҳо оид ба банақшагирӣ, татбиқ ва баҳодиҳии амалиёте, ки ба пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ дар шароитҳои гуногун равона карда шудааст.

Нос - намуди маҳсулоти тамоку, ки ба таври анъанавӣ дар Осиёи Марказӣ маъмул аст.

Бемориҳои ғайрисироятӣ - бемориҳои музмини нагузаранда, ки хусусияти сироятӣ (вирусӣ, бактериявӣ, замбурӯғӣ ё паразиатрӣ) надоранд. Одатан онҳо тавассути иртибот, роҳи ҳавоию қатрагӣ, ба воситаи об ё ғизо намегузаранд.

Табобати ғайридоругӣ - чорабиниҳои тағйир додани тарзи ҳаёти бемор (lifestyle interventions), ки ба паст намудани омилҳои хатари бемориҳо ва инкишофи минбаъдаи онҳо мусоидат мекунанд.

Ҳодисаҳои нохуш - осебҳои баданӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои маишӣ, роҳу нақлиётӣ ё истеҳсолӣ.

Тарзи ҳаёт - ин маҷмӯи қарорҳои аз тарафи инсон қабулшавандае мебошад, ки ба саломатии вай таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин, тарзи ҳаёт зиндагиро умуман тавсиф медиҳад, ки ба таъсири байниҳамдигарии шароитҳои ҳаётӣ ба маънои васеъ ва хусусиятҳои фардии бо омилҳои иҷтимоию маданӣ ва тавсифҳои шахсӣ асоснок гардидааст.

Ҷойҳои ҷамъиятӣ - бино, иншоот, ҳудуд, иншооти табиат ё фазои ҷойи буду боши эҳтимолии одамон, ки метавонанд озодона таъсири мутақобила намоянд. Ба онҳо ҷойи кор, фароғат, истироҳат, тарбияи ҷисмонию варзиш, муассисаҳои муолиҷавӣ, таълимӣ ва томактабӣ, корхонаҳои фарҳанг, хӯрокворӣ, савдо, нақлиёт ва ҳудуди мансуб ба онҳо дохил карда мешавад.

Тандурустии ҷамъиятӣ - ин илм ва фаъолияти мушаххас оид ба муҳофизат ва таҳкими саломатии аҳолӣ, дароз намудани ҳаёт тавассути сафарбарии кӯшишҳои ҷамъият ва гузаронидани чорабиниҳои ташкилии мувофиқ дар дараҷаҳои гуногун мебошад, ки идоракунии тандурустиро ҳамчун яке аз системаҳои бузургтарини иҷтимоӣ таъмин менамояд, ки дар он тиб дар баробари иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ, илмҳои сиёсӣ, саноату кишоварзӣ яке аз ҷузъҳо ба шумор меравад.

Бемориҳои саратон - бемориҳои музмин, дуру дароз ҷараёнёбанда, ки бо пайдоиш ва инкишофи эътилолии ҳуҷайраҳои муқаррарӣ ва ғайримуқаррарии ин ё он бофта ё узв ҳамроҳӣ менамояд.

Узвҳо - нишонҳо - узвҳои ба тағйироти эътилолӣ дучоршаванда, ки бо таъсири ин ё он омил (масалан, баландшавии фишори шараёни) асоснок гардидаанд.

Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ. Мафҳум дар Эъломияи соли 1978 дар шаҳри Алмаато қабулшудаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ муайян карда шудааст: "Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ қисми муҳими хизматрасонии тиббию санитариро ташкил медиҳад, ки ба усулу технологияҳои амалӣ, илман асоснокшуда ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул, ки дар ҳама ҷо ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам оилаҳо дар маҳалҳо ба туфайли иштироки пурраи онҳо дар ин кор бо хароҷоти ҳам барои ҷомеаҳо ва ҳам умуман барои мамлакат дар ҳар як марҳилаи инкишофи он барои таъмин намудани худмуайянкунӣ ва мустақилияти онҳо дар ҳалли ин масъалаҳо асоснок гардидааст. Вай қисми ҷудонашавандаи системаи миллии тандурустӣ, ки ядрои он мебошад, ба шумор рафта, ҳамзамон ҳамчун ҷузъи асосии рушди умумии иҷтимоию иқтисодии ҷамъият баромад мекунад. Вай зинаи аввалин дар иртиботи байни одамони алоҳида, оилаҳо, ҷомеа ва системаи миллии тандурустӣ мебошад, ки ба таври пурра кӯмаки тиббиро ба ҷойи истиқомат ва кор наздик менамояд ва ҷузъи аввали раванди муттасили муҳофизати саломатиро ҳосил менамояд".

Нақшаи татбиқ - ин номгӯи чорабиниҳое мебошад, ки бояд ба таври муайян ташкил ва мувофиқи реҷаи муқарраргардида барои ба даст овардани мақсади гузошташуда иҷро карда шаванд. Нақша кӣ, кай ва чӣ иҷро карданашро мувофиқа менамояд ва метавонад маълумотро оид ба нархи ҳар як марҳилаи кор дар бар гирад. Татбиқ ҳамчунин табдил додани вазифаҳои барномавиро ба амалҳои воқеӣ мефаҳмонад (масалан, тавассути тағйирдиҳии сиёсат, ҳамоҳангсозӣ ва ташкилдиҳӣ).

Банақшагирӣ - ин раванди муайян намудани талаботҳо, интихоби афзалиятҳо, муқаррар намудани сабабҳои мушкилот, инчунин тақсим намудани захираҳо барои ба даст овардани мақсад мебошад.

Ҳисоботдиҳӣ чунин маъно дорад, ки шахсони дар тамоми зинаҳо қарор қабулкунанда вазифаҳои худро иҷро менамоянд ва барои амалҳои худ ҳисобот медиҳанд.

Сиёсат - роҳбарии умумӣ барои амалҳо ва қабули қарорҳое, ки ба даст овардани мақсадҳоро осон менамоянд.

Тарғибот - ин амалҳое мебошанд, ки кормандони тиббӣ ва дигар шахсони бонуфуз барои он меандешанд, то ин ки ба раванди қарор қабул намудан дар иттиҳодҳо ва ҳукуматҳо таъсир расонанд.

Пешгирӣ - муносибату чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки ба эҳтимолияти пайдоиши бемориву ихтилолҳои фард, ба қатъ ё суст намудани хуруҷи бемориҳо, инчунин ба паст намудани маъюбшавӣ равона карда шудаанд. Пешгирии аввалия эҳтимолияти пайдоиши бемориву ихтилолҳоро кам мекунад; пешгирии такрорӣ хуруҷи бемориву ихтилолҳоро дар марҳилаи барвақт қатъ, пешгирӣ менамояд ё хеле кам мекунад; пешгирии сеюмин хуруҷи бемориро, ки сабаби осеби муайяне гардидааст, нигоҳ медорад.

Соҳа - ин маҷмӯи маълумоте мебошад, ки аксаран дар шакли графикӣ (хаттӣ) пешниҳод мешаванд ва хусусиятҳои нисбатан аҳамиятноки ягон

вазъиятро инъикос мекунанд: масалан, басомади дучоршавии ин ё он хусусияти хоси шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо.

Роҳбарӣ - ин механизме мебошад, ки кӯшиши коллектив ё шахсиятро ба иҷрои вазифаҳои умумӣ равона месозад. Вай одамонро барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда тавассути таъсир ба талаботи онҳо водор месозад.

Диабети қанд - ин бемории эндокринию мубодилавие мебошад, ки дар натиҷаи ҳамбастагии омилҳои генетикӣ ва муҳитии этиологӣ норасоии мутлақ ё нисбии инсулин инкишоф меёбад, ки боиси халалдоршавии мубодилаи карбонгидратҳо, чарбҳо, сафедаҳо ва номуташаккилии амиқи метаболизми дохилиҳуҷайравӣ мегардад.

Норасоии дилу рагҳо - бемориҳое мебошанд, ки асоси онҳоро иллатнокшавии дилу рагҳо ташкил дода, инкишофи онҳо сифати ҳаёти беморро паст менамоянд, метавонанд боиси марганҷомӣ, аз ҷумла марги ногаҳонӣ гарданд.

Скрининг - дурнамои ташкили тандурустӣ, ки ба ошкор намудани бемориҳои шахсони ба таври клиникӣ беаломат равона карда шуда, ки мақсади он ошкоркунии барвақтии бемориҳо мебошад, ки барои таъмин намудани муолиҷаи барвақтӣ бо назардошти сабук намудани ҳолати беморон ва паст намудани фавт имконият медиҳад.

Дурнамои пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ - ҳуҷҷате мебошад, ки самти умумӣ, роҳбарикунанда, дастурҳо ё муқаррароти асосиеро дар бар мегирад, ки барои омода ва амалӣ намудани пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ заруранд.

Омили хатар - ин ягон аломат ва хусусияти одам ё ягон навъ таъсиррасонӣ ба он мебошад, ки эҳтимолияти инкишофи беморӣ ё осебро зиёд менамояд.

Шабака - миқдору хусусияти муносибатҳои иҷтимоӣ ва алоқаҳо байни фардҳо (ва муассисаҳо), ки метавонанд дастрасиро ба дастгирии иҷтимоии саломатӣ таъмин намоянд ё чунин дастгириро сафарбар намоянд.

Системаи баҳодиҳӣ баёни онро дар бар мегирад, ки барнома бояд чӣ гуна баҳо дода шавад.

Ташкил намудани иттифоқ (коалитсия) - барқарор намудани иттифоқи муваққатӣ, тарафҳо, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо бо мақсади мушаххас (дар ҳолати ташкил намудани барнома - барои дастгирӣ ва таҳияи якҷояи он).

Иттиҳод - ин коллективе мебошад, ки дастовардҳои умумӣ ва ғамхории рушду некӯаҳволии гурӯҳи худ ё қисми ҷуғрофӣ тавсиф меёбад.

Маркетинги иҷтимоӣ - ин самте мебошад, ки воситаҳои таъсиррасониро барои пешниҳод намудани одамон тавассути технология ва муносибатҳо барои беҳтар намудани ҳаёти ҳам одамони алоҳида ва ҳам ҷамъият истифода мебарад.

Воситаҳои ахбори омма - воситаи расонидани иттилоот (шифоҳӣ, садоӣ, визуалӣ) аз рӯи принсипи шабакаи шунавонидани васеъ мебошад, ки аудиторияи калонро (оммавиро) фаро мегирад ва ба таври доимӣ фаъолият менамояд.

Дурнамои нақшаи фаъолияте мебошад, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои дарозмуддат таҳия шудааст ва захираҳои мавҷуда ва монеаҳои пешбинишаванда, инчунин имкониятҳо барои ҳамкории байни шахсони мувофиқи манфиатдорро ба назар мегирад.

Осебҳо - таъсири механикӣ, химиявӣ, радиатсионӣ ё термикии осебрасон ба организми зинда, ки сабаби нестшавӣ ё маҳдудшавии функсияи он мегардад.

Мустаҳкам намудани саломатӣ ҳамбастагии дастгирии таълимию муҳитро пешбинӣ менамояд, ки барои саломатӣ ва шароитҳои зиндагӣ мусоидат мекунад. Чунин амалҳо метавонанд аз тарафи шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо, сиёсатмадорон, корфармоён, омӯзгорон ва ҳамаи онҳое андешида шаванд, ки барои ба ҳолати саломатӣ таъсир расонидан қобилият доранд. Мақсади мустаҳкам намудани саломатӣ аз он иборат аст, ки детерминантҳои саломатии худ беҳтар назорат карда шаванд.

Иштирокчиён, шахсони манфиатдор - ин ҳамаи онҳое мебошанд, ки дар гузаронидани лоиҳа манфиатҳои умумӣ доранд ва барои дастгирӣ намудани он ба мувофиқа омада метавонанд ва барои ин вобаста ба имкониятҳои худ кӯмаки захираҳои техникӣ, моддӣ, молиявӣ ё кадрҳоро пешниҳод менамоянд.

Назорати эпидемиологӣ - ин ҷамъоварии иттилоот ва баҳодиҳии ҷараёни инкишофи омилҳои хатар, шароитҳои зиндагӣ, беморшавии аҳолии территорияи мушаххас мебошад, ки бо гузаронидани чораҳои зарурии пешгирӣ асоснок шудааст.

## 2. Муқаддима

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби иттилоотии Бюрои минтақавии аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, бо замимаи Қарори Ассамблеяи умумиҷаҳонии тандурустӣ (WHA64/11) ва рӯйхати захираҳои иттилоотӣ оид ба барномаи пешгирии ҳамбастаи бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ (барномаи CINDI/Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ) шинос шуда, лоиҳаи Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023ро (минбаъд Дурнамои) таҳия намуд. Муҳим будани таҳияи Дурнамои мазкур, ба таври самаранок ҷорӣ намудани он вазифаи таъхирнопазири мамлакатҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро барои дар дурнамои наздик паст намудани мушкилоти бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ аз ҳисоби кам намудани фавту маъюбшавӣ, озод намудани захираҳои иловагӣ барои мубориза бо камбизоатӣ имконият медиҳад ва бешубҳа, ба таври воқеӣ ҷиҳати баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии кишвар мусоидат хоҳад кард.

## 3. Муҳим будани мушкилоти бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон самтҳои афзалиятноки фаъолияти муҳофизати саломатӣ, пешгирӣ ва ташкил намудани кӯмаки самаранок ба беморони мубталои бемориҳои дилу раг ва ғадудҳои дохилӣ, саратон ва шушу роҳҳои нафас, инчунин осебу заҳролудшавиҳо ҳамчун сабабҳои нисбатан муҳими маъюбшавии зиёд ва марги нобаҳангоми аҳолии ҳозираи шаҳрнишин мебошанд.

2. Сарборие, ки ҷамъият аз ин бемориҳо дар натиҷаи марги нобаҳангом, инчунин сатҳи баланди талафоти қувваи кории муваққатӣ ва устувор бар дӯш дорад, афзоиш меёбад. Бинобар ин, ба таври қатъӣ сифати зиндагӣ паст мегардад. Ҳамаи ин мушкилоти нави иқтисодиро эҷод намуда, чораҳои мустаҳкам намудани некӯаҳволии аҳолӣ, аз ҷумла мубориза бо камбизоатиро нигоҳ дошта, раванди баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолиро ба таъхир меандозад.

3. Новобаста аз кӯшишҳои соҳаи тандурустӣ, дурнамои сарбории бемориҳо номусоид буда, бемориҳои музмини ғайрисироятӣ бошанд иллати асосӣ боқӣ мемонанд. Дар мамлакатҳои собиқ шӯравӣ нишондиҳандаҳои беморишавии ғайрисироятӣ ва фавт махсусан баланд мебошанд ва афзоиши он идома дорад.

4. Яке аз нишондиҳандаҳои интегративие, ки ҳам ҳолати ҷисмонӣ ва ҳам психологии ҷомеаҳоро муайян менамояд, шохиси рушди инсон ва тамоюли он дар миқёси муваққатӣ мебошад, ки ҳамасола Созмони Милали Муттаҳид нашр менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин рейтинг оҳиста, вале дуруст ба сӯи пеш ҳаракат карда истодааст, ҳарчанде аз як қатор мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қафо мемонад (United Nations Development Program: Human Development Index 2011). Дар поён рӯйхати мамлакатҳо бо сатҳи гуногуни ин шохис пешниҳод карда мешавад.

Мамлакатҳои дорои сатҳи ниҳоят баланди Шохиси рушди инсон (панҷгонаи аввал, аз 187 мамлакати ҷаҳон)

| Ҷой | Мамлакат | Шохиси рушди инсон |
|---|---|---|
| 1 | Норвегия | 0,943 |
| 2 | Австралия | 0,929 |
| 3 | Нидерландия | 0,910 |
| 4 | ШМА | 0,910 |
| 5 | Зеландияи Нав | 0,908 |

Мамлакатҳои дорои сатҳи баланди Шохиси рушди инсон (5 давлат аз 187)

| | | |
|---|---|---|
| 65 | Беларус | 0,756 |
| 66 | Росссия | 0,755 |
| 68 | Қазоқистон | 0,745 |

| | | |
|---|---|---|
| 76 | Украина | 0,729 |
| 88 | Эрон | 0,707 |

Мамлакатҳои дорои сатҳи миёнаи Шохиси рушди инсон

| | | |
|---|---|---|
| 101 | Хитой | 0,687 |
| 102 | Туркманистон | 0,686 |
| 115 | Ӯзбекистон | 0,641 |
| 126 | Қирғизистон | 0,615 |
| 127 | Тоҷикистон | 0,607 |

Мамлакатҳои дорои сатҳи пасти Шохиси рушди инсон (5 давлат аз 187 мамлакати ҷаҳон)

| | | |
|---|---|---|
| 143 | Кения | 0,509 |
| 145 | Покистон | 0,504 |
| 146 | Бангладеш | 0,500 |
| 172 | Афғонистон | 0,398 |
| 187 | Ҷумҳ. Демокр. Конго | 0,286 |

5. Чӣ хеле ки аз рӯихати пешниҳодкардаи United Nations Development Program: Human Development Index 2011 маълум мегардад, аз 187 мамлакати мавриди таҳлил қарордодашуда, Тоҷикистон дар ин рӯйхат дар ҷойи 127 бо шохиси 0,607 қарор дорад. Ҳамчунин, нишондиҳандаи муҳимтарини саломатии ҷомеа маҳсуб меёбад:

"Давомнокии пешбинишавандаи ҳаёт ҳангоми таваллуд (сол)". Дар поён "Рӯйхат" тибқи маълумоти Созмони Милали Муттахид (2005 - 2011) оварда мешавад, ки аз 194 мамлакатҳои мавриди таҳлил қарорёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 131 қарор дошта, аз Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон болотар меистад.

| | Давлат | | М. | З. |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷопон | 82,6 | 78,0 | 86,1 |
| 2 | Гонконг | 82,2 | 79,4 | 85,1 |
| 3 | Швейтсария | 82,1 | 80,0 | 84,2 |
| 108 | Гурҷистон | 71,0 | 67,1 | 74,8 |
| 108 | Эрон | 71,0 | 69,4 | 72,6 |
| 112 | Россия | 70,3 | 65,5 | 75,3 |
| 124 | Украина | 69,0 | 62,1 | 73,8 |
| 125 | Озарбойҷон | 67,5 | 63,8 | 71,2 |
| 127 | Ӯзбекистон | 67,2 | 64,0 | 70,4 |
| 128 | Қазоқистон | 67,0 | 61,6 | 72,4 |
| 131 | Тоҷикистон | 66,7 | 64,1 | 69,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 133 | Қирғизистон | 65,9 | 62,0 | 67,7 |
| 145 | Туркманистон | 63,2 | 59,0 | 67,5 |
| 188 | Афғонистон | 43,8 | 43,9 | 43,8 |

6. Нишондиҳандаҳои сифатии тандурустӣ аз маълумоти таркибии иқтисодии мамлакат вобастагӣ дорад, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар поён номгӯи (интихобан) мамлакатҳое оварда мешавад, ки аз рӯи сатҳи даромад, ки аз тарафи The World Dank: World Development Indicators, 2011. Gross National Income per Carita 2010 нашр карда шудааст, тақсим карда мешаванд.

| Сатҳи баланд | Даромади иктисодиёт | |
|---|---|---|
| Ҷой | Кишвар | Даромад ба ҳар сари аҳолӣ (бо долл. ИМА) |
| Дараҷаи баланди даромад | | |
| 1 | Монако | 183,150 |
| 2 | Лихтенштейн | 137,070 |
| 4 | Норвегия | 84,290 |
| 7 | Швейтсария | 71,530 |
| 17 | Штатҳои Муттаҳидаи Амрико | 47,390 |
| Сатҳи миёна | Даромад | Ба ҳар сари аҳолӣ |
| 67 | Федератсияи Россия | 9,900 |
| 78 | Қазоқистон | 7,590 |
| 91 | Беларус | 5,950 |
| 103 | Эрон | 4,520 |
| 107 | Хитой | 4,270 |
| 114 | Туркманистон | 3,790 |
| 149 | Ӯзбекистон | 1,280 |
| Сатҳи паст | Даромад | Ба ҳар сари аҳолӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 167 | Қирғизистон | 840 |
| 168 | Тоҷикистон | 800 |
| 184 | Зимбабве | 460 |
| 189 | Афғонистон | 410 |
| 198 | Бурунди | 170 |

7. Чӣ хеле ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сатҳи даромади аҳолӣ яке аз мамлакатҳои қашшоқтарин дар минтақаи худ (дар байни мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) мебошад, вале он ду маротиб назар ба Афғонистони ҳамсоя зиёдтар (840 долл. ШМА ба муқобили 410 долл. ШМА), аммо 12,4 маротиб назар ба Федератсияи Россия, 9,2 маротиба назар ба Қазоқистон ва 5,3 маротиба нисбат ба Хитой камтар аст. Албатта, бо чунин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ ба мо душвор аст. Вале он барои мо хеле муҳим мебошад, зеро барои кам намудани сарбории бемориҳои нисбатан паҳншуда ва аз рӯи зарари худ нисбатан аҳамиятдошта имконият дода, дар марҳилаи ниҳоии худ барои аҳолӣ ва тамоми мамлакат манфиатнок мебошанд.

8. Хусусиятҳои ҳолати демографӣ дар ҷумҳурӣ аз дигаргуниҳои бузурги сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии пас аз ҷанги шаҳрвандии аз сар гузаронидашуда, бад шудани шароити зиндагии мардум, босуръат ворид шудани муносибатҳои бозаргонӣ, қисман вайрон шудани сохтори синну солӣ ва ҷинсӣ, суст шудани ҳифзи иҷтимоии оилаҳои серфарзанд, тағйир ёфтани сохтори миллии аҳолӣ ва кам шудани он қисм, ки ба камфарзандӣ нигаронида шудааст, вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ дар ҳолати 1 январи соли 2011 7.616.764 нафарро ташкил дод. Бо вуҷуди ин, мардон 50, 4 фоиз ва занон 49,6 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи шахсони қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ дар охири соли 2010 тахминан 60 фоизро ташкил дод.

9. Тибқи маълумоти барӯйхатгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2010 гузаронида шуд, ба вазъи умумии демографӣ сатҳи баланди таваллуд - 29,3 ба 1000 аҳолӣ ва фавти нисбатан пасти аҳолӣ (4,2 ба 1000 аҳолӣ) хос аст. Ҳамзамон, нисбат ба сатҳи пасти шаҳришавӣ ва сатҳи баланди муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, ҷой доштани фавти баланди кӯдакон (20,9 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд) ва модарон (45,0 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд) мушоҳида мешавад. Афзоиши табиии аҳолӣ дар соли 2010 25, 1 ба 1000 аҳолиро ташкил дода, нисбат ба соли 1990 (32,2 ба 1000 аҳолӣ) 28,3 фоиз поён рафт.

10. Чӣ тавре ки омори муосир нишон медиҳад, нишондиҳандаҳои умумии фавти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми даҳсолаҳои охир нисбатан баланд боқӣ мемонад. Он аз фавт дар давлатҳои рушдкардаи Аврупо ва ҷаҳон

баландтар мебошад. Лекин он дар маҷмӯъ, нисбат ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар сатҳи пасттар қарор дорад. Тибқи маълумоти охирини ҷаҳонии омор, ки аз тарафи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид - 2010 чоп шуданд, нишондиҳандаи меъёрии фавти аҳолӣ аз бемориҳои ғайрисироятӣ дар Тоҷикистон 884 ба ҳисоби 100 ҳазор аҳолиро ташкил медиҳад. Он чандон аз нишондиҳандаи мушобеҳ дар Россия (904) ё Қазоқистон (1145) ва ба таври назаррас аз Афғонистони бо мо ҳамсоя (1309) паст мебошад. Лекин нишондиҳандаи мазкури фавти аҳолӣ нисбат ба Аврупои Ғарбӣ ва Штатҳои Муттаҳидаи Амрико (450) 2 маротиба, нисбат ба Чин (627) 1,4 маротиба ва нисбат ба Эрон (687) 1,3 маротиба баланд мебошад.

11. Дар сохтори фавти умумии аҳолии Тоҷикистон мақоми пешсафро бемории ишемиявии дил ташкил медиҳад, ки тибқи маълумоти Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид - 2010 дар байни мардони 25 - 64 сола 194,4 ба 100 ҳазор марди синни дахлдорро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбат ба Британияи Кабир 2,8 маротиба, нисбат ба Олмон 3,5 маротиба, нисбат ба Фаронса 6,8 маротиба баланд мебошад. Лекин он нисбат ба нишондиҳандаи мушобеҳи Федератсияи Россия (406,3) 2 маротиба, нисбат ба Қазокистон (305,5) беш аз 1,5 маротиба ва нисбат ба хамсояҳои бевоситаи мо дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - Ӯзбекистон (203) ва Қирғизистон (243,1) каме паст мебошад.

12. Ҳангоми баррасии сохтори беморшавии аввалия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми аввалро бемориҳои узвҳои нафаскашӣ (11399,6 ба 100 ҳазор аҳолӣ), бемориҳои узвҳои гувориш (3419,2) ва бемориҳои дилу раг (1094,1) ташкил медиҳанд. Бемориҳои системаи эндокринӣ ва саратон мутаносибан 1214,7 ва 37,8 ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил медиҳанд.

13. Дар сохтори сабабҳои фавти аҳолӣ дар ҷои аввал бемориҳои дилу раг бо нишондиҳандаи 206,0 ба 100 ҳазор аҳолӣ қарор доранд(2010). Дар ҷои дувум бемориҳои саратонӣ (33,7) ва дар ҷои сеюм бемориҳои узвҳои нафаскашӣ бо нишондиҳандаи 29,0 қарор доранд. Осебҳо ва заҳролудшавӣ, ҳамчун сабаби фавти аҳолӣ 20,0 ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил медиҳанд.

14. Маълум аст, ки аксар нишондиҳандаҳои саломатӣ ва сифати зиндагии мардум аз бисёр омилҳои объективӣ ва фардӣ вобастагӣ доранд, ки дар байни онҳо омилҳои генетикӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодиро қайд намудан зарур аст, ки ба нишондиҳандаҳои саломатии ҷомеа таъсири муҳим мерасонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба даст овардани истиқлолият, дар худ музофоти аграрии ақибмондаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистиро таҷассум мекард.

15. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти мушкили иқтисодӣ қарор гирифт, ки бо мушкилоти ногаҳонии бунбасти энергетикӣ, коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ вобаста буд. Ҳамаи ин наметавонист ба нишондиҳандаҳои асосии саломатии тамоми аҳолии кишвар бетаъсир монад. Вазъи иқтисодии мамлакат дар даври ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам мураккаб гардид. Дар натиҷаи ин, Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали баъдиҷангӣ барои соҳаи тандурустӣ миқдори кофии маблағҳоро ҷудо карда натавонист.

16. Бо вуҷуди ин, соли 2012 дар муқоиса бо соли 2001 маблағҷудокунӣ барои эҳтиёҷоти соҳаи тандурустӣ аз 0,9 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то сатҳи 2 фоиз зиёд карда шуд. Ҳамин тавр, ин нишондиҳанда дар давоми 11 сол 2,22 маротиба афзоиш ёфтааст.

17. Бинобар ин, дар тибби амали "Тибби собитшуда" ворид карда шуд, ки барои ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик намудани протоколҳои миллии ташхис ва табобат, баланд бардоштани сифати идоракунии амалияи клиникӣ ва осон намудани кори табибони амалӣ имконият фароҳам овард. Мо дақиқ дарк мекунем, ки солимии маънавӣ ва ҷисмонии мардум сарвати миллӣ маҳсуб ёфта, иқтидори ҳаётии ӯ мебошад, ки рушди минбаъдаи ҷамъиятро дар самти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии он муқаррар менамояд.

18. Натиҷаҳои таҳқиқоти охирин ва таҳлили онҳо нишон доданд, ки бемориҳои дилу рагҳо дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ҷӣ беморшавии умумӣ ва ҷӣ паҳншавии он, дар байни дигар бемориҳо ҷои аввалро ишғол мекунанд. Ҳамзамон, дар сохтори фавти умумии аҳолӣ бемориҳои дилу рагҳо дар Тоҷикистон аз соли 1986 инҷониб, ба таври устувор дар ҷои аввал қарор доранд. Ин ба сатҳи баланди паҳншавии омилҳои асосии хатари бемориҳои дилу раг вобаста аст.

19. Татбиқи Барномаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ба паст намудани сарбории бемориҳои ғайрисироятӣ барои ҷамъият бо роҳи мубориза бо омилҳои асосии хатари инкишофи онҳо равона карда шудааст. Ҳадафи асосӣ ва ниҳоии CINDI беҳтар намудани саломатии аҳолӣ аз ҳисоби кам намудани фавту бемориҳои ғайрисироятии асосӣ, нисбатан паҳнгашта ва аз ин сабаб нисбатан аҳамиятнок алоқаманд тавассути гузаронидани барномаи ҳамбастаи пешгирӣ ва мустаҳкамкунии саломатии аҳолии бо ҳамкории зич асоснокшуда мебошад.

20. Ҳадафи асосии наздиктарин- ҳамзамон кам намудани паҳншавии омилҳои умумии хатари бемориҳои ғайрисироятии асосӣ, ба монанди тамокукашӣ, ғизои носолим, аз ҳад зиёд истеъмол намудани машруботи спиртӣ, фаъолнокии ками ҷисмонӣ ва стресси рӯҳию иҷтимоӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо дар давлатҳои иштирокчии CINDI механизмҳои амалкунандаи ҳамкорӣ кор карда баромада шудаанд ва таҷрибаи муайяни пешгирии ҳамбастаи байниидоравӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ андӯхта шудааст.

21. Вазифаҳои асосии сиёсати CINDI ба таври зерин ифода шуда метавонанд: ба даст овардани муносибати ҳамбаста, таҳияи ҳамкории байниидоравӣ, барқарор намудани робитаи байни илму амалия ва васеъ намудани ҳамкории байналмилалӣ. Ба туфайли ҳамкории дарозмуддати байни мамлакатҳои дар ин барнома иштироккунанда, ки миқдори онҳо аллакай ба 24 расидааст, ҳаҷми калони донишу таҷрибаҳо оид ба пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ аз ҳисоби истифода бурдани муносибатҳои ҳамбаста дар сатҳи коммуналӣ, андӯхта шудааст. Чунин муносибат санҷиши

замонро гузашта, натиҷаҳои хеле мусбат додааст. Масалан, натиҷаҳои нисбатан таъсирнок дар яке аз музофотҳои Финландия ба даст оварда шудаанд, ки дар давоми 25 сол то 73 фоиз паст намудани фавт аз бемориҳои ишемии дил ба даст оварда шуд. Тоҷикистон метавонад ва бояд чунин таҷрибаро бо роҳи ҳамкории самаранок дар кори пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ пайгирӣ намояд.

## 4. Мақсаду вазифаҳои Дурнамо

22. Мақсади Дурнамои мазкур таҳия ва татбиқи системаи фаъолона ҳамкорикунандаи самараноки байнибахшӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани нақши пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли вазифаҳои сиёсию иҷтимоӣ бодарназардошти аҳамияти он дар мустаҳкам ва нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ, иқтидори қувваҳои корӣ, мусоидат намудан ба мубориза бо камбизоатӣ, инкишофи иқтидори иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сифати ҳаёти тамоми аҳолӣ равона карда шудааст.

23. Барои ин таҷрибаи мавҷудаи кор бо бемориҳои ғайрисироятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст карда мешавад, муқаррароти Стратегияи аврупоии бемориҳои ғайрисироятӣ истифода бурда мешавад, ки аз тарафи мамлакатҳои аврупоии аъзои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ соли 2006 мувофиқа карда шудааст ва кори бомуваффақияти ин соҳа дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба назар гирифта мешавад. Дар таҳқиқоти "Сарбории кулли бемориҳо", ки соли 1992 аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, якҷоя бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ гузаронида шудааст, кӯшиши ба таври миқдори муайян намудани сарбориҳое карда шуд, ки бо марги нобаҳангом ва маъюбшавӣ дар миқёси ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд ва барои ин чунин нишондиҳанда ба монанди шумораи умумии солҳои ҳаёт истифода бурда шуд, ки бо маъюбшавӣ тасҳеҳ карда шудааст ва нишондиҳандаи таркибии мушкилоти бо саломатӣ алоқаманд мебошад, ки бодарназардошти марги нобаҳангом ва маъюбшавӣ ҳисоб карда мешавад.

24. Панҷ сабаби асосии сарбории вобаста ба бемориҳо аз соли 1990 дурнамо то соли 2020 дар ҷадвали 1 (Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, 2006) нишон дода шудааст.

**Панҷ сабаби асосии сатҳи баланди сарбории бемориҳо (бо фоиз дар соли 1990 ва дурнамо барои соли 2020)**

Ҷадвали 1

| | | фоиз аз сарбории умумӣ | |
|---|---|---|---|
| | | 1990 | 2020 |
| 1. | Бемории ишемиявии дил | 9,9 | 10,2 |
| 2. | Бемориҳои рагзоди майна | 5,9 | 6,2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ | 4,4 | 4,3 |
| 4. | Саратони хирной, бронху шушҳо | 2,9 | 4,5 |
| 5. | Нуқсонҳои модарзодӣ | 2,2 | 1,0 |

25. Таҳлили вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки сабаби асосии фавти аҳолӣ бемориҳои дилу рагҳо боқӣ монда, дар сохтори фавти умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1986 ҷойи аввалро ишғол менамояд. Дар ҷойи дуюм аз рӯи сабабҳои фавтбемориҳои саратон, дар ҷойи саввум - бемориҳои роҳҳои нафас, дар ҷойи чорум - марги иҷборӣ аз осебу заҳролудшавиҳо қарор доранд. Бемориҳои системаи эндокринӣ ҳамчунин ба панҷгонаи сабабҳои асосии фавти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд (ниг. ҷадвали 2)

**Шумораи аз бемориҳои ғайрисироятӣ фавтида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2010**

Ҷадвали 2

| Сабабҳои фавт | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Бемориҳои диабети қанд, чоғари эндемикӣ | 769 | 907 | 1064 |
| Бемориҳои системаи хунгард | 15645 | 15347 | 15750 |
| Бемориҳои саратон (омосҳои бад ва некфарҷом) | 2343 | 2509 | 2518 |
| Бемориҳои шушу роҳҳои нафас | 2556 | 2157 | 2319 |
| Осебҳо, заҳролудшавӣ ва захмдоршавӣ | 1488 | 1490 | 1623 |

26. Омӯзиши ҷараёни инкишофи шумораи фавтидагон аз рӯи ҳисоб ба 1000 нафар аҳолии шаҳру деҳот дар солҳои 2000 - 2010 нишон дод, ки аҳолии шаҳрҳо назар ба аҳолии деҳот бештар дучори марг аз бемориву ҳолатҳои номбаршуда мегарданд (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷараёни инкишофи шумораи фавтидагон аз рӯи ҳисоб ба 1000 нафар аҳолӣ**

Ҷадвали 3

| | Шумораи аҳолӣ | | | Ба 1000 нафар аҳолӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тамоми аҳолӣ | Аҳолии шаҳр | Аҳолии деҳот | Тамоми аҳолӣ | Аҳолии шаҳр | Аҳолии деҳот |
| 2000 | 29387 | 9320 | 20067 | 4,7 | 5,7 | 4,4 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2005 | 31520 | 9697 | 21823 | 4,6 | 5,4 | 4,3 |
| 2006 | 31990 | 9203 | 22787 | 4,6 | 5,0 | 4,4 |
| 2007 | 33686 | 9488 | 24198 | 4,7 | 5,1 | 4,6 |
| 2008 | 31996 | 9492 | 22504 | 4,4 | 4,9 | 4,2 |
| 2009 | 32322 | 9171 | 23151 | 4,3 | 4,7 | 4,2 |
| 2010 | 33327 | 9920 | 23407 | 4,4 | 5,0 | 4,2 |
| M | 32032,6±139 9,9 | 9470,1±27 0,2 | 22562,4±132 6,8 | 4,5±0,1 6 | 5,1±0,3 3 | 4,3±0,1 4 |
| ? % | 4,4 | 2,9 | 5,9 | 3,9 | 6,5 | 3,5 |

27. Бемориҳои дилу рагҳо ҳамчунин сабаби асосии маъюбшавии аҳолӣ мебошанд. Масалан, шумораи бемороне, ки аз сабаби бемориҳои дилу рагҳо бори аввал маъюб ҳисобида шудаанд, дар соли 2010 аз 1928 нафар зиёд буд, ки назар ба шумораи соли 2008 бақайдгирифташуда 6,2 фоиз зиёдтар аст. Аз рӯи сабабҳои маъюбшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи дуюмро бемориҳои эндокринӣ ишғол менамоянд, ки аз рӯи суръати афзоиши шумораи нафарони бори аввал маъюб эътирофшуда аз ҳамаи сабабҳои дигари маъюбшавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пештар буда, дар се соли охир то 55,7 фоиз афзоиш ёфтааст (ниг. ҷадвали 4).

4). Бемориҳои саратон ва бронху шушҳо таносубан мавқеи сеюму чорумро ишғол мекунанд.

**Шумораи шахсоне, ки бори аввал аз сабаби бемориҳои ғайрисироятӣ маъюб эътироф шудаанд (нафар)**

Ҷадвали 4

| | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 12322 | 12805 | 12899 |
| Бемориҳои эндокринӣ ва диабети қанд | 564 | 615 | 878 |
| Бемориҳои системаи хунгард | 1815 | 1769 | 1928 |
| Бемориҳои саратон (омосҳои бад ва некфарҷом) | 558 | 371 | 562 |
| Бемориҳои шушу роҳҳои нафас | 324 | 382 | 320 |

28. Вобаста ба нуқтаҳои зикргардида ва барои ба даст овардани мақсади ниҳоии гузошташуда вазифаҳои асосии Стратегия таҳия карда шуданд.

## 5. Вазифаҳои асосии Дурнамо

29. Дурнамои мазкур барои ҳалли вазифаҳои зерин равона шудааст:

- баланд бардоштани афзалияти пешгирию назорати бемориҳои ғайрисироятӣ дар барномаи миллии амалиёт нисбат ба мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ;

- таҳияи низоми ҳамкории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои мустаҳкам кардани саломатӣ ва пешгирии бемориҳо;

- пешниҳод ва созмон додани инфрасохтори самаранок барои пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ;

- пешниҳоди роҳҳои афзун намудани захираҳо, ки ба пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ, тибқи системаи қатъиян назоратшавандаи истифодаи онҳо ва шаффофият барои ба даст овардани натиҷаҳои фосилавӣ (ҳарсола) ва ниҳоӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа равона шудаанд;

- тахияи пешниҳодот оид ба ҳамбастагӣ дар доираи Дурнамои пешниҳодшаванда ва барномаҳои миллии амалкунанда ва тибқи нақша дубора таъсисшаванда.

## 6. Самтҳои амалиёт

30. Ҳангоми татбиқи вазифаҳои гузошташуда пеш аз ҳама (бо роҳи ҳамбастагии фаъол) қонунҳои амалкунанда, қарорҳои Хукумат ва Барномаҳои миллии зерин амалӣ мегарданд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муолиҷаи маҷбурии бемории майзадагӣ ё нашъамандӣ";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии равонпизишкӣ";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии радиатсионӣ";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи тиббию иҷтимоии шаҳрвандони мубталои диабети қанд";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку";

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи йоднокгардонии намак";

- Стратегия миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, № 368 тасдиқ шудааст;

- Нақшаи стратегии таҷдиди муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011 - 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, тасдиқ шудааст;

- Нақшаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимии репродуктивии аҳолӣ дар давраи то соли 2014, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004, № 348 тасдиқ шудааст;

- Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатии модарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2014, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, № 370 тасдиқ шудааст;

- Стратегияи миллӣ оид ба рушди саломатии кӯдакон ва наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, № 370 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил дар давраи солҳои 2007 - 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, № 334 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, № 587 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирии бемориҳои касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, № 165 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирии осеббардорӣ, такмили кӯмаки тиббӣ ҳангоми осеббардорӣ ва оқибатҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 224 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати беморони гирифтори нуқсонҳои модарзодӣ ва тарбодии дил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, № 154 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемориҳои узвҳои ҳозима дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 639 тасдиқ шудааст;

- Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 130 тасдик шудааст;

- Барномаи миллии пешгирии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, № 183 тасдиқ шудааст.

31. Таҳқиқоти скринингии эпидемиологии дар байни аҳолии калонсол ташкилнамудаи Ассотсиатсияи дилшиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷумҳурӣ аз рӯи барномаи CINDI/Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ соли 2005 ва солҳои минбаъда гузаронида шуданд, имконият доданд, ки сатҳи паҳншавии омилҳои чудогонаи хатари бемории ишемиявии дил дар байни

аҳолии кишвар, ки шумораи бештари ҳаёти мардуми моро мерабоянд, дақиқ карда шаванд.

32. Дар доираи ин таҳқиқот паҳншавии баланди тамокукашӣ, аз ҷумла истеъмоли тамокуи бедуд - нос дар миёни мардон (дар минтақаҳои алоҳида он ба 71,95±1,56 фоиз расидааст) дарёфт карда шуд. Баъди гузаронидани амалиёти пешгирӣ дар доираи татбиқи муқаррароти асосии "Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил дар давраи солҳои 2007-2015" баъди 5 сол ин нишондиҳандаҳо то дараҷаи 57,5±2,14 яъне 1,3 маротиба камтар гардиданд.

33. Инчунин паҳншавии баланди фишорбаландии шараёнӣ чӣ дар байни мардон (21,2±0,4 фоиз) ва чӣ дар байни занон (24,8±0,6 фоиз) дарёфт гардид. Дар маҷмӯъ, дар байни аҳолӣ фишорбаландии шараёнӣ дар бештар аз 22 фоизи аҳолии калонсол дарёфт карда шуд.

34. Омилҳои зерини хатар дар сатҳи пасттар қарор доранд: вазни барзиёди бадан (16 фоиз), фарбеҳшавӣ (3,5), миқдори барзиёди холестерини умумӣ дар 15 фоизи аҳолии калонсол.

35. Бо дарназардошти мушкилоти дарёфтшуда дар саломатии аҳолии кишвар, мубрам будани мушкилоти бемориҳои дилу рагҳо, паҳншавии назарраси омилҳои хатар соли 2007 дар мамлакат "Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил дар давраи солҳои 2007 - 2015" қабул гардид. Аз соли 2007 инҷониб, татбиқи вазифаҳои асосии барномаи мазкур на танҳо барои ҷалб намудани сармояҳои иловагӣ ба хадамоти кӯмаки дилшиносии ҷумҳурӣ имконият фароҳам овард. Ҳамин тавр, буҷети хадамоти дилшиносӣ (аз ҷумла ҷарроҳии дил) дар давоми 10 соли охир аз 368 ҳаз. 642 сомонӣ дар соли 2000 то 704 ҳаз. 439 сомонӣ, яъне 12,8 маротиба зиёд карда шуд. Бо дарназардошти сармоягузориҳо ба соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, буҷет дар ҳамин давра боз ба маблағи 14 млн. 245 ҳаз. 888 сомонӣ ғанӣ гардид. Ҳамин тавр, сармоягузориҳои умумӣ ба хадамоти дилшиносӣ ва ҷарроҳии дил дар давоми даҳ сол дар ҷумҳурӣ беш аз 100 маротиба афзоиш ёфтанд. Ин имконият дод, ки суръати бемории рагзоди дил ва фавт бар ин асар ба таври воқеӣ кам карда шавад, технологияҳои нави ташхис (коронароангиография, сантиграфияи радиоизотопии дил ва дигар узвҳо, томографияи магнитию резонансӣ ва ғ.) ва табобат (пайвандсозии ҳуҷайраҳои бунёдӣ ба миокарди осебдида, васлнамоии шоҳрагу иклил бидуни аз фаъолият бозмондани дил, стентгузории шарёнӣ) ворид карда шавад.

36. Маблағгузории иловагӣ имконият дод, ки мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи тандурустӣ ҳалли самараноки худро ёбанд. Ҳамин тавр, фавт дар ҷумҳурӣ аз бемориҳои дилу рагҳо аз 215, 2 соли 2005 то 206,0 соли 2010, яъне 4,5 фоиз паст карда шавад. Ҳамзамон, суръати афзоиши беморшавӣ бо шаклҳои шадиди бемории ишемиявии дил (стенокардияи ноустувор, аломати шадиди коронарӣ, сактаи миокард) кам карда шуд. Масалан, гирифторшавӣ ба бемории ишемиявии дил ба 100 ҳазор аҳолӣ аз 452,5 (соли 2007) то дараҷаи 422,8 (соли 2010), яъне то 6,6 фоиз кам гардид.

37. Бо дарназардошти мушкилоти ҷойдоштаи нуқси модарзодии дил ва шиддатнокии сустнашавандаи бемориҳои тарбод дар ҷумҳурӣ "Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати беморони гирифтори нуқсонҳои модарзодӣ ва тарбодии дил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015" қабул гардид, ки айни замон бомуваффақият амалӣ шуда истодааст.

38. Бо дарназордошти ба таври васеъ паҳн шудани тамокукашӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку" қабул карда шуд, ки аллакай натиҷаҳои мусбати худро дода истодааст. Ҳамчунин, ба мақсади пешгирӣ намудани гиподинамия (тарзи камҳаракати ҳаёт) ҳамчун яке аз омилҳои хатари бемории ишемиявии дил, тарғиби тарзи ҳаёти солим Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2006, № 1740 "Дар бораи дави миллӣ" содир карда шуд, ки ба таври оммавӣ ҳар сол 20 май бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки бевоситаи шахсони воломақом гузаронида мешавад. Дар ин замина, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ мавқеи махсус пайдо намуданд, ки ба солимгардонии ҷамъият мусоидат менамоянд. Дар барномаҳои умумитаълимӣ ва мактабҳои олӣ соатҳои иловагие ҷудо карда шуданд, ки барои машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пешбинӣ шудаанд. Рафтори намунавии роҳбарони давлат, аъзои Ҳукумат дар кори баланд бардоштани ҳифзи саломатии ҷамъият таконбахши иловагӣ ва самаранок мебошанд.

39. Дар ин замина, ҳамчунин муассисаҳои дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилкардашуда ва самаранок фаъолияткунанда муосидат менамоянд, аз ҷумла:

- Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим, ки соли 1999 ташкил карда шуд (17.09.1999, №355/2), соли 2000 бошад марказҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ташаккули тарзи ҳаёти солим ташкил карда шуданд;

- Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои ғизо, ки соли 2001 ташкил карда шуда, асосҳои илмии парҳезшиносии миллиро танзим ва инкишоф медиҳад ва сифати маҳсулоти хӯроквориро назорат мекунад.

40. Зарурати ба бемориҳои мубодилаи моддаҳо ва бемориҳои эндокринӣ аҳамияти махсус додан пеш омадааст, зеро онҳо ба таври васеъ паҳн шудаанд ва ба маъюбшавии аҳолӣ ва сохтори фавт таъсири манфии худро мерасонанд. Дар байни ин бемориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диабети қанд ва бемориҳои норасоии йод нисбатан аҳамиятноктар мебошанд.

41. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи кӯмак ба беморони мубталои диабети қанд манфиатдор мебошад.

42. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи тиббию иҷтимоии шаҳрвандони мубталои диабети қанд" ва Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2017 амал менамоянд.

43. Дар ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ муҳимияти системаи давлатии бо доруҳо таъмин намудани беморони гирифтори диабети қанд, таъмин намудани

ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, беморони мубталои диабет, масъалаҳои ташхиси барвақтии диабети қанд, пешгирии оризаҳои вазнини диабет, тайёр намудани мутахассисон барои ин соҳа ва ташкил намудани қайди давлатии беморони диабети қанд инъикоси худро ёфтаанд.

44. Дар ин замина омӯзиши осори нобиғаи сатҳи ҷаҳонӣ, фарзанди бузурги халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино, ки дар олами илми ҷаҳонӣ ҳамчун Авитсенна (980 - 1037) машҳур аст, хеле муҳим мебошад. Мавсуф дар байни олимони соҳаи тиб аввалин шуда зинаҳои нисбатан муҳими инкишофи диабети қанди навъи 2 - ро баён намудааст ва моҳиятан таълимотро дар бораи қаблдиабет ва алоими метаболӣ, ташхису усулҳои асосии муолиҷаи он инкишоф додааст. Гиёҳдармонии диабети қанд бо усули Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз ҳам аҳамияти амалии худро аз даст надодааст. Осори пурғановати Абӯалӣ ибни Сино ба таври васеъ дар Пажӯҳишгоҳи байналмиллалии омӯзиши осори Ибни Сино дар шаҳри Душанбе мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

45.Таъмин намудани беморони мубталои диабет бо инсулин ва доруҳои қандпасткунанда аз ҷониби кӯмакҳои башардӯстона ва бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҳамасола ба ҷумҳурӣ аз 20 то 38 ҳазор шишачаи инсулин (талаботи солона 36 - 38 ҳазор шишача) ба маблағи 5 - 7 млн. доллари ШМА дастрас карда мешавад. Мувофиқи Барнома дар тамоми марказҳои эндокринологӣ "Мактабҳо барои беморони мубталои диабет" ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо қариб 10 ҳазор беморон дар давоми 5 сол таълим дода шуданд.

46. Дар ҷумҳурӣ Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим фаъолият дорад, ки соли 2000 ташкил карда шуд. Ин Марказ тамоми чорабиниҳои ҷамъиятию маърифатии бо саломатӣ алоқамандро ҳамоҳанг месозад. Марказҳои минтақавии дилшиносӣ, саратоншиносӣ, эндокринологӣ ва дигар марказҳо мустақилона, инчунин дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим чунин маъракаҳоро ба роҳ мемонанд. Семинарҳои маърифатӣ барои табибон ва аҳолӣ оиди пешгирии омилҳои хатари бемориҳои нисбатан душвор, ба мисли фишорбаландии шарёнӣ, бемории ишемияи дил ва омосҳои бадфарҷом тавассути воситаҳои гуногуни ахбори омма ташкил карда мешаванд. Аз соли 2006 инҷониб дар ҷумҳурӣ мунтазам "Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза зидди диабети қанд" гузаронида мешавад, ки аз тарафи сохторҳои давлатӣ, ширкатҳои фармакологӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ғайридавлатӣ дастгирии ҳамаҷониба ёфтааст.

47. Масъалаи дигари муҳими соҳаи ҳифзии саломатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омосҳои бадфарҷом мебошанд. Маълум аст, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 9 млн. нафар гирифторони ин иллат ба қайд гирифта мешаванд ва 5 млн. нафар аз омосҳои бадфарҷом ба ҳалокат мерасанд. Дар мамлакатҳои мутараққӣ он аз рӯи басомади сабабҳои фавт дар ҷойи дуюм меистад. Таҳқиқоти эпидемиологии солҳои охир падидаҳои тамоюли ба ин монандро дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф низ нишон доданд. Омилҳои асосие, ки боиси чунин хусусияти паҳншавии бемории саратон мегарданд, ҳиссаи зиёдшавандаи аҳолии гурӯҳҳои калони синнусолӣ дар

тамоми ҷомеаҳо, басомади афзоишёбандаи пайдоиши баъзе аз шаклҳои саратон дар натиҷаи тамокукашӣ мебошанд.

48. Мувофиқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, эҳтимол меравад, ки дар 25 соли наздиктарин 300 млн. ҳодисаҳои нави бемории ва 200 млн. фавт аз саратон пайдо мешаванд, ҳамзамон 2/3 ҳиссаи онҳо ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф рост хоҳад омад. Аз ин сабаб, ҳал намудани масоили бемориҳои саратонӣ ба рӯйхати вазифаҳои афзалиятноки тандурустии ҷумҳуриамон дохил карда шудааст.

49. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди тамоми мамлакатҳои мутараққӣ, тамоюли инкишофи бемориҳои саратонӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳамасола мувофиқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ, дар мамлакат қариб 3000 ҳодисаҳои нави бемории ба қайд гирифта мешаванд ва соли 2010 ин гурӯҳи бемориҳо ба дараҷаи 37,8 ба 100 нафар аҳолӣ расид. Табиист, ки онҳо ҳам барои давлат, ҳам барои умуман ҷамъият мушкилоти ҷиддиро эҷод менамоянд.

Аз соли 2005 то 2010 дараҷаи беморшавии аввалия дар ҷумҳурӣ аз рӯи ҳисоб ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ аз 28,7 то 37,8 зиёд гардид. Ҳамзамон, беморшавии нисбатан зиёдтар дар байни занон мушоҳида карда мешавад. Масалан, соли 2010 дар байни занон 43,1 нафарро ташкил дода, дар байни мардҳо бошад - 34,6 ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ рост омад. Дар сохтори беморшавии занони ҷумҳурӣ бо омосҳои бадфарҷом дар давоми даҳсолаи охир омосҳои бадфарҷоми ғадудҳои ширӣ ва гарданаи бачадон мавқеи асосӣ доранд. Ҳамасола зиёда аз 300 ҳодисаҳои нави саратони ғадуди ширӣ ва 250 ҳодисаи саратони гарданаи бачадон ба қайд гирифта мешаванд.

50. Имрӯз ҷавоншавии доираи беморшудагон ва тамоюли манфӣ ба зиёдшавии шаклҳои нодир ва хурӯҷкунандаи саратон боиси нигаронии махсус гардидааст. Дар байни беморони бори аввал ошкоршудаи саратонӣ аксариятро - 65,4 - ро сокинони деҳот ташкил медиҳанд.

51. Дар доираи татбиқи "Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемориҳои саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2015" дар сохтори хадамоти саратоншиносӣ дигаргуниҳои куллие ба амал омаданд, ки ба ташкил ва азнавтаҷҳизонидани техникии марказҳои вилоятии саратоншиносӣ равона карда шудаанд. Масалан, дар ду шаҳри калони вилояти Хатлон - Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа марказҳои вилоятии бо таҷҳизоти муосир таъминшудаи саратоншиносӣ ба истифода дода шуданд. Дар Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб бори аввал маммограф барои ошкоркунӣ ва ташхиси барвақтии саратони ғадуди ширӣ насб карда шуд. Тайёр намудани кадрҳо барои ин марказҳо ва таъминотнокии ин муассисаҳо барои беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати расонидани кӯмаки махсусгардондашудаи саратонӣ ба аҳолии минтақаи мазкур имконият дод.

52. Сатҳ ва сифати расонидани кӯмаки махсусгардондашудаи саратонӣ бевосита аз маблағгузориҳо, ҳолати заминаи моддию техникии муасиссаҳо ва сатҳи тайёр намудани кадрҳо вобастагӣ дорад. Дар 10 соли охир

маблағгузориҳо аз буҷети ҷумҳурӣ ба мақсади рушди хадамоти саратоншиносӣ сӣ маротиба зиёдтар гардид.

53. Аз соли 2005 то 2010 таҷҳизот барои табобати фосилавии шуоӣ (ТЕРАГАМ истеҳсоли Чехия), таҷҳизоти банақшадароранда ва барангезанда барои муолиҷаи шуоӣ (истеҳсоли Штатҳои Муттаҳидаи Амрико), таҷҳизоти шуоӣ барои табобати дохилиҳуфравии шуоӣ (дастгоҳи брахеотерапевтӣ, истеҳсоли Олмон) насб карда шуданд, ки барои гирифтани муолиҷаи шуоии асосии хушсифат дар дохили ҷумҳурӣ, бе сафар намудан ба хориҷи кишвар имконият доданд.

54. Масъалаи дигари мубрами ҷумҳурӣ бемориҳои узвҳои нафаскашӣ мебошанд. Аз рӯи сатҳи беморшавии аввалия онҳо ҷойи аввалро ишғол мекунанд.

55. Таҳлили нишондиҳандаҳои гирифторшавии аввалия бо бемориҳои узвҳои нафаскашӣ дар давраи солҳои 2000 - 2010 ду маротиба инкишоф ёфтани онро аз сатҳи 5262,0 то 11399,6 ба 100 ҳазор аҳолӣ нишон медиҳад.

56. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо аз рӯи шумораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи дамкӯтоҳӣ нишон медиҳад, ки афзоиши бемайлон ҷой дорад: аз 138 ҳодиса дар байни мардҳо ва 140 ҳодиса дар байни занон соли 2000 то 3375 ҳодиса дар байни мардҳо ва 3391 ҳодиса дар байни занон соли 2009. Фарқияти эътимодбахши оморӣ аз рӯи ҷинс мушоҳида карда намешавад.

57. Нисбати нишондиҳандаҳои бронхити музмин ҳамчунин тамоюли инкишофи бақайдгирии он ба назар мерасад. Ғайр аз ин, фарқияти байни ҷинсҳо зоҳиршаванда аст: дар мардҳо ин ташхис хеле бештар ошкор карда мешавад (17488 гирифторшавӣ дар байни мардҳо ба муқобили 16106 дар байни занон соли 2009). Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки фавт аз гурӯҳи мазкури бемориҳо аз дараҷаи 58,2 (соли 2000) то дараҷаи 29,0 (2010), яъне ду маротиба кам гардид.

58. Нишондиҳандаҳои фавти беморхонавӣ аз бемориҳои узвҳои нафаскашӣ солҳои охир рақамҳои нисбатан устуворро нишон медиҳанд ва бо тағйирёбии зиёди худ ҳам аз рӯи солҳо, ҳам аз рӯи минтақаҳо фарқ намекунанд ва аз 0.1 то 0.3 ба 100 беморони синни мувофиқро ташкил медиҳанд.

59. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон осебпазирӣ мувофиқи анъана дар сохтори беморшавии умумӣ, фавт ва маъюбшавӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд ва то солҳои охир ба пурзӯршавии бемайлон тамоюл дошт. Ин бо тағйироти хусусияти иҷтимою иқтисодӣ дошта, ҳолати нисбатан сусти моддию техникии хадамоти осебшиносӣ, зиёд шудани омилҳои хатари осебпазирӣ ба мисли машғул будани қисми асосии аҳолӣ ба корҳои истифода бурдани асосан меҳнати дастӣ дар деҳоти дорои дараҷаи баланди хатарнокӣ, нақши асосии воситаҳои нақлиёт барои аз як ҷой ба ҷойи дигар рафтани одамон дар маҳалҳои кӯҳсор ва интиқоли молҳои хоҷагии халқ, хусусиятҳои иқлимиву ҷуғрофии ҷумҳурӣ ва инфрасохтори нисбатан бади роҳу нақлиётҳо, бадтар шудани шароитҳои маишӣ ва дигар сабабҳо асоснок карда

шудааст. Дар мамлакат ҳамасола 138,2 ҳазор намудҳои гуногуни осебҳо ба қайд гирифта мешаванд. Дар сохтори беморшавии умумӣ осебҳо ҷойи чорум; аз рӯи сабабҳои фавт ҳамчунин ҷойи чорум ва аз рӯи корношоямии муваққатӣ - ҷойи дуюм; аз рӯи бори аввал маъюбшавӣ - ҷойи сеюмро ишғол менамоянд. Имрӯз инкишоф ва тағйироти сифатии осебпазирӣ боиси нигаронии махсус гардидаанд. Дар ҷумҳурӣ зиёд шудани вазни хоси осебҳои зиёд ва ҳамбаста, шикастанҳои кушода ва осебҳои оризадор, инчунин зиёд шудани вазни хоси осебҳои маишӣ (аз18,4 то 31,8 фоиз), кӯчагӣ (аз 17,1 то 29,6 фоиз), роҳу нақлиётӣ (аз 19,6 то 22,9 фоиз) ва захми тир (аз 0,1 то 2,6 фоиз) мушоҳида карда мешавад. Ҳамзамон кам шудани басомади осеббардориҳои истеҳсолӣ (аз 35,0 то 4,6 фоиз), инчунин зиёд гардидани осеббардорӣ дар байни кӯдакон ба назар мерасад. Таҳлили осеббардорӣ бартарӣ доштани онро (70,2 фоиз) дар байни мардон, махсусан синни қобили меҳнат нишон дод. Умуман солҳои охир вазни хоси осеббардорӣ дар сохтори беморшавиҳо 5,6 фоизро ташкил дод. Аз миқдори номбаршудаи осеббардоштагон дар 65,0 фоиз ҳолатҳо талафёбии муваққатӣ ва аз 12,3 то 43,8 фоиз - устувори қобилияти меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад.

60. Рушди бемайлони дараҷаи осеббардорӣ, набудани механизмҳои аниқи ҳамкории байни бахшҳо дар ин масъала, комилан мураккаб будани солимгардонии осебдидагон ҳангоми таъминоти нисбатан сусти моддию техникӣ, инчунин қабул намудани Консепсияи ислоҳоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмин намудани дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тандурустии ба талаботу ниёзмандиҳои табақаи камбизоати аҳолӣ бо роҳи таҳким бахшидан ба хадамоти кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷавобгӯ зарурияти қабул намудани чораҳои таъхирнопазири доираи умумимиллиро ба миён овард.

61. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, Барномаи миллии пешгирии осеббардорӣ, такмили кӯмаки тиббӣ ҳангоми осеббардорӣ ва оқибатҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2015 қабул гардид. Ҳадафҳои асосии ин Барнома пешгирӣ ва кам намудани вазни хоси марганҷомиҳо ва маъюбӣ ҳангоми осебҳо бо роҳи кам намудан ё ба ҳадди камтарин расонидани омилҳои хатари маъюбшавӣ, шинос намудани табибони осебшинос бо технологияҳои муосир ва принсипҳои муолиҷаи осебҳо мебошанд. Ҳамчунин таъмин намудани шӯъбаҳои осебшиносию шикастабандӣ бо таҷҳизоти муосир барои муолиҷаи осебҳои дастгоҳи такяву ҳаракат ва тарғиби донишҳои тиббӣ оиди пешгирии маъюбшавӣ ва шинос намудани аҳолӣ бо усулҳои расонидани кӯмаки аввалия ҳангоми осебҳо пешбинӣ карда шудааст. Гузаронидани такмили ихтисос ва мубодилаи таҷрибаи мутахассисони соҳа, семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мавҷуд будани доруқутиҳои воситаҳои нақлиёт ба нақша гирифта шудааст. Ҳамбастагии Барномаи мазкур дар доираи Дурнамои мазкур талаби замон аст.

## 7. Амалҳои пешбинишавандаи вазорату идораҳо

62.Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои Дурнамои мазкур мақомоти давлатии зерин чунин амалҳоро анҷом медиҳанд.

63. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи гӯшту ширӣ, ғалладонагию лӯбиёгӣ, сабзавоту меваҳои истеҳсоли ватанӣ.

64. Пажӯҳишгоҳи "Ғизо" - и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаи ғизои Вазорати тандурустӣ: таҳия ва бо маводи иттилоотӣ оид ба ғизои парҳезӣ таъмин намудани кӯдакон ва аҳолии калонсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

65. Вазорати корҳои дохилӣ: назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи тамоку ва маҳсулоти тамоку", таъмин намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ ва назорати меъёрии экологии воситаҳои нақлиёт.

66. Вазорати тандурустӣ: дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишаванда маблағгузории татбиқи барномаҳои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардориро таъмин менамояд.

67. Вазорати рушди иқтисод ва савдо: таъмини васеъ намудани шабака ва баланд бардоштани дастрасии ғизои парҳезӣ; пешбинӣ намудани инкишофи лоиҳаҳои инвеститсионии ба пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ равонашуда.

68. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон: мутобиқгардонӣ ва татбиқи барномаҳои таълимӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва мубориза бо омилҳои хатари бемориҳои ғайрисироятӣ дар барномаҳои тарбиявӣ ва таълимии муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ.

69. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳия ва таъмин намудани чорабиниҳои устувори кам намудани маъюбшавӣ аз бемориҳои ғайрисироятӣ ва солимгардонии самараноки маъюбон.

70. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: кам намудани маъюбшавии роҳу нақлиётӣ тавассути баланд бардоштани бехатарии коммуникатсияи роҳу нақлиёт (сариваќт таъмир намудани роҳҳо, чароғонкунии онҳо, ҷудо намудани қисмҳои ҳаракати дучархасаворон ва ғайра), таъмин намудани кӯмаки алоқаманди зерсохторҳои расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ ҳангоми ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ; таъмин намудани шароит ва бехатарии ҳаракати маъюбон.

71. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббии Вазорати тандурустӣ: таъмин намудани дастрасии иттилооти эътимоднок оид ба тамоюли беморшавӣ, фавту маъюбшавии аҳолии шаҳру ноҳияҳо, ба ҳисоботҳои оморӣ дохил намудани омилҳои нисбатан муҳими бемориҳои ғайрисироятӣ; кушодани сомонаҳои интернетӣ оид ба паҳн намудани иттилооти асосии оморӣ, ба истисноι маҳдудиятҳои қонунмуайяннамуда;

72. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт) якҷоя бо Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ, Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантинии растанӣ ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъмин намудани назорати сифати бозори дохилӣ ва назорати воридоти маҳсулоти ғизоии сироятпазир (кансерогенӣ), ба бозор роҳ надодани маҳсулоти аз ҷиҳати генетикӣ хатарнок ва ғайрирасмӣ истеҳсолшуда, инчунин бадсифат.

73. Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои барои пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ ҷудошуда.

74. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъмин намудани бехатарии экологӣ ва назорати воситаҳои техникиву нақлиёт, корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва соҳибкорони хусусӣ.

75. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: ба аҳолӣ, махсусан ҷавонон омӯзонидани малакаи пешбурди тарзи ҳаёти солим, мунтазам ташкил намудани чорабиниҳои варзишию солимгардонӣ.

76. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо дигар ВАО: инъикос ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, мубориза бо омилҳои хатари бемориҳои ғайрисироятӣ тавассути ташкил намудани барномаҳо, рекламаҳои иҷтимоӣ.

77. Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: фаъол намудани ширкати ташкилотҳои динӣ дар тарғиби ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ба аҳолӣ омӯзонидани малакаи зарурии беҳдоштии пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ (даст кашидан аз тамокукашӣ, майзадагӣ, фаъолнокии нокифояи ҷисмонӣ, маҳдуд намудани фарбеҳӣ ва ғизои носолим, барҳам задани зӯроварӣ ба занону кӯдакон).

78. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъмин намудани алоқа ва интернети мутассил ва босифатро барои аз тарафи аҳолӣ гирифтани иттилооти саривақтӣ ва дастрас оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, мубориза бар зидди бемориҳои ғайрисироятӣ ва кам кардани осеббардорӣ, шумораи телефонӣ ва дастраси даъвати ёрии таъҷилии тиббиро аз ҷониби операторон ва провайдерон назорат намояд.

79. Иттифоқи "Тоҷикматлубот" дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо: ташкил намудани шабакаҳои хӯроки парҳезӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.

## 8. Нишондиҳандаҳо - ҳадафҳои ниҳоии Дурнамо

Ҷадвали 5

| № | Нишондиҳанда - ҳадаф | Соли ноилшавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Коҳиш додани паҳншавии омилҳои алоҳидаи хатари беморҳои ишемиявии дил | |
| | - Коҳиш додани тамокукашӣ ва истифодаи маҳсулоти тамоку (нос) : | |
| | то 5 фоиз | 2013 |
| | то 10 фоиз | 2017 |
| | то 20 фоиз | 2023 |
| | - Омили камҳаракатӣ то 15 фоиз | 2017 |
| | - Омили вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ то 10 фоиз | 2023 |
| 2. | Коҳиш додани дараҷаи афзоиши фишорбаландии шарёнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 - 5 фоиз | 2017-2023 пайваста |
| 3. | Коҳиш додани фавти беморхонавӣ аз сактаи шадиди дил то 2 фоиз | 2015-2023 |
| 4. | Коҳиш додани нишондиҳандаи маъюбшавии аввалия ҳангоми бемории ишемиявии дил то 5 - 7 фоиз | 2020 пайваста |
| 5. | Коҳиш додани нишондиҳандаи фавти аҳолӣ аз бемориҳои андоми нафаскашӣ то 0,5 - 1 фоиз | 2017 пайваста |
| 6. | Беҳтар намудани ошкоркунии бемориҳои музмини инсидодии шушҳо то 4 - 5 фоиз | 2020 пайваста |
| 7. | Зиёд намудани ошкоркунии аввалияи марҳилаҳои ибтидоии (1- 2) омосҳои бадфарҷом то 8 фоиз | 2015-2023 пайваста |
| 8. | Беҳтар намудани коэффисиентҳои зиндамонии яксола ва панҷсолаи беморони мубталои омосҳои бадфарҷом | 2023 пайваста |
| 9. | Коҳиш додани хароҷотҳои иқтисодӣ барои муолиҷаи беморон дар марҳилаҳои ибтидоии беморӣ | 2020 пайваста |
| 10. | Коҳиш додани нишондиҳандаи корношоямии муваққатӣ ва устувори шахсони осебдида то 5 фоиз | 2020 пайваста |
| 11. | Коҳиш додани нишондиҳандаи корношоямии муваққатӣ ва устувори шахсони осебдида то 7 фоиз - 9 фоиз | 2020 пайваста |

| | | |
|---|---|---|
| 12. | Коҳиш додани фавт ҳангоми ҷароҳатҳои осеббардорӣ то 0,5-1,0 фоиз | 2020 пайваста |

## 9. Нақшаи таҳия ва татбиқи Барномаи пешгирии ҳамгироишудаи бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

80. Барномаи пешгирии ҳамгироишудаи бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (вилоят, шаҳр ва ноҳия) (минбаъд Барнома) аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва татбиқ карда шуда, дар нақшаи амали он шахсони масъул, роҳбарони минтақавӣ ва аудитҳои Барнома муқаррар карда мешаванд.

81. Мақсади Барнома бо муайян намудани натиҷаҳои ниҳоии пешбинишаванда оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мушаххаси саломатӣ, ки сабаби маъюбшавӣ ва фавти синни қобили меҳнат мегардад. Масалан: кам намудани миқдори ампутатсияи пойҳо аз бемориҳои инсидодӣ; ё кам намудани миқдори оризаҳои диабети қанд (ампутатсияи пойҳо, нобиноӣ, нефропатия); ё кам намудани фавт аз сактаи дил дар синни қобили меҳнат; кам намудани басомаду вазнинии сактаи дил ва сактаи мағзӣ дар синни қобили меҳнат; ё кам намудани басомади саратони ковокии даҳон, роҳҳои нафаскашӣ, шуш; ё кам намудани осеббардории маишию нақлиётӣ ва ғайра.

82. Тавзеҳи мухтасари нишондиҳандаҳои саломатӣ дар шаҳр, деҳоте, ки беҳтар намудан тавассути татбиқи амалиёти пешгирӣ ба нақша гирифта мешавад.

83. Макон ва доираи аҳолие, ки бо амалиёти ҳамгироишудаи пешгирӣ фаро гирифта мешаванд. Шаҳр, маркази саломатии шаҳрӣ/ноҳиявӣ, бунгоҳи саломатӣ, корхонаҳои саноатӣ (заводи пахта, комбинати кимиёвӣ, Ширкати Алюминийи Тоҷик ва ғайра), мактаби олӣ, мактаб ва ғайраро бо тавсифи аҳолие, ки дар байни онҳо чорабиниҳои пешгирӣ (миқдор, синну сол, ҷинс, ҳайати касбӣ ва ғайра) гузаронида мешаванд, нишон додан лозим аст.

84. Ба омилҳои хатари бемориҳои ғайрисироятӣ, ки дар сатҳи онҳо таъсири ҳамбаста расонидан пешбинӣ карда мешавад, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дохил намудани ҳамаи ё якчанд омилҳои зерини хатарро тавсия менамояд:

- фишорбаландии шарёнӣ;
- тамокукашӣ;
- вазни барзиёди бадан;
- диабети қанд ё қаблдиабет;
- фаъолнокии нокифояи ҷисмонӣ;
- стресси психологӣ;
- истеъмоли машруботи спиртӣ ва маводи нашъаовар.

85. Вобаста ба шароитҳои мушаххаси минтақае, ки дар он барномаи пешгирии ҳамгироишуда амалӣ карда мешавад, омилҳои муҳити истеҳсолӣ, омилҳои экологӣ, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавии ғизо, ирсият ва ғайра дохил карда мешаванд.

86. Омилҳои тасҳеҳшавандаро пурра бартараф намудан зарур аст, зеро онҳо ҳангоми ченкунӣ, дар рафти муоинаҳои касбӣ, назорати пайваста заҳмати камтарро талаб менамоянд.

87. Ба усулҳои чорабиниҳои пешгирӣ аҳамияти махсус додан лозим аст, зеро барномаи CINDI моҳиятан барномаи таъсироти пешгирӣ ба аҳолӣ мебошад, на барномаи омӯзиши беморшавӣ, ки мутаассифона, бо ин аксарияти барномаҳо анҷом мепазиранд. Фаъолнокии пешгирӣ ҳам ба чораҳои тиббӣ, масалан дар рафти назорати пайвастаи аҳолӣ ва муоинаҳои пешгирӣ, ҳам чораҳои дорои хусусиятҳои вогирию беҳдоштӣ дахлдор мебошанд. Дар протокол фаъолнокиҳое инъикос карда мешаванд, ки ба паст намудани дараҷаи ҳам он омилҳои хатар, ки бо ҳадафҳои лоиҳа муайян карда шуда, аз рӯи онҳо баҳо додани раванди амалиётҳои профилактикӣ пешбинӣ карда мешавад, ҳам чораҳои солимгардонии ҷойи корӣ, беҳтар намудани ғизо равона карда мешаванд. Дахолат ба омилҳои хатар тавассути муассисаҳои тандурустӣ, тағйир додани технологияи назорати пайвастаи аҳолиро талаб менамояд. Аз ҷумла, одамоне, ки омилҳои хатар ё беморӣ дошта, пайдоиши онҳо бо ин омилҳои хатар муттаҳид мегардад, ҳатман бояд тавсияҳои зарурии пешгириро тавассути таъсироти гурӯҳии пешгирӣ, тавсияҳои шахсиро шифоҳӣ ё дар шакли хаттӣ (ёддошт, тавсияи тарзи ҳаёт ва ғайра) тавассути бозиҳои гуногун, ярмаркаҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо ва ғайра гиранд.

88. Оид ба усулҳои дахолати пешгирӣ адабиёти сершумори дастурӣ мавҷуд аст. Пешгирии дуюмбораи бемориҳо, ки ба кам намудани хатари оризаҳо, нуқсонҳои устувори саломатӣ ва маъюбшавӣ равона карда шудаанд, тавассути барномаҳои фардии солимгардонии бемор амалӣ карда мешаванд ва ҷараёни назорати пайваста мавриди назорат қарор дода мешаванд.

89. Мутахассисон муоинаҳои назоратиро (пешгириро) таъмин менамоянд ва чорабиниҳои пешгириро татбиқ менамоянд. Бояд мутахассисони мушаххас муайян карда шуда, бо онҳо оид ба иҷроиши протокол машғулиятҳо гузаронидан лозим аст. Ҳар як сармутахассиси воҳидӣ ва ғайривоҳидии мақомоти идоракунии тандурустӣ барои интихоб намудани захираҳои зарурӣ ва якҷоя бо мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташкил намудани скрининги аҳолӣ нисбати омилҳои хатари бемориҳои нисбатан паҳншуда ва иҷтимоӣ вазифадор аст.

90. Миқдори шахсон ва мӯҳлатҳои муоина барои муқаррар намудани тавсифи заминавии нишондиҳандаҳои саломатӣ, ки ба ҳадафҳои амалиётҳои пешгирӣ дохил мешаванд. Муоинаҳои санҷишӣ дар интихобшудагони аҳолии бо лоиҳа фарогирифташуда амалӣ карда мешавад (на камтар аз 200 нафар дар гурӯҳи 10 - солаи синну солӣ алоҳида барои мардҳо ва занон).

Агар аҳолии масалан 20 - 70 сола фаро гирифта шавад, пас бо интихобҳо лоақал 1000 мард ва 1000 занро фаро гирифтан лозим аст.

91. Назорати раванди чорабиниҳои пешгирӣ. Тавассути назорати дараҷаи омилҳои мушаххаси ченшавандаи хатар дар интихобҳои аҳолии бо лоиҳа фарогирифташуда баъди ҳар як 1,5-2 сол амалӣ карда мешавад. Ин корро бо муоинаҳои касбии нақшавии аҳолии бо лоиҳа фарогирифташуда якҷоя намудан мувофиқи мақсад мебошад.

92. Назорати самараи чораҳои пешгирӣ.

Нишон дода мешавад, ки кадом солҳо ва чӣ тавр сифати ба даст овардани мақсадҳо баҳо дода мешавад, яъне ба кадом фоиз маъюбшавию фавт дар синни қобили меҳнат аз сактаи мағзӣ, сактаи дил, бемориҳои саратонии шуш ва дигар мавзеъгириҳо, ки бо омилҳои интихобшудаи хатар алоқаманданд, паст карда мешавад. Назорати самара аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ амалӣ карда мешавад, на аз рӯи ҳаҷми корҳои иҷрошаванда.

93. Ҳамгироии нерӯҳои тиббӣ, ки аз рӯи анъана ба расонидани кӯмакҳои пешгирӣ бо мақсади паст намудани бемориҳои ғайрисироятӣ банд нестанд (хадамоти беҳдоштӣ, хадамоти наркологӣ, кормандони миёнаи тиббии дармонгоҳҳо, марказҳои саломатӣ ва ғайра). Дар протокол вазифаҳои мушаххаси хадамотҳо муайян карда мешаванд.

94. Ҳамгироии бахшҳои ғайритиббии ҷомеа, яъне ба модификатсияи тарзи ҳаёт тавассути паст намудани дараҷаи омилҳои хатари бемориҳои ғайрисироятӣ ҷалб намудани нерӯ ва мутахассисоне, ки дар сохторҳои дигар вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ кор мекунанд.

95. Маълум аст, ки хадамотҳои тандурустӣ танҳо ба 10 фоизи иқтидори аҳолии солим таъсир расонида, 90 фоизи саломатӣ бошад аз тарзи ҳаёт, шароитҳои меҳнат, экология, хусусияти ғизо, омилҳои ирсӣ вобаста аст. Ҳаво ва оби тоза, сифат ва гуногунрангии ғизо барои саломатии одам аҳамияти асосӣ доранд. Ба саломатӣ на фақат бахши тандурустӣ, балки кишоварзӣ, савдо, саноати хӯрокворӣ ва гӯшту шир ва дигар бахшҳои иқтисодӣ, ки бо таъмин намудани маҳсулоти хӯрокворӣ машғуланд, таъсир мерасонанд. Таъмин намудани дастрасӣ ба ғизои солим ва бехатар яке аз роҳҳои беҳтарини мустаҳкам намудани саломатӣ мебошад. Бо назардошти ин Бюрои Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ пешниҳодҳои худро барои кормандони тандурустӣ таҳия намудааст. Дар он "дувоздаҳ принсипҳо/зинаҳои ғизои солим" маълум мавҷуд буда, хусусияти тавсиявӣ доранд, зеро ҳар як миллат, халқият, ҳар як минтақа анъана ва фарҳанги ғизои танҳо барои худ хосро дорад.

96. Барномаи пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ пешбинӣ менамояд, ки бо протокол вазифаҳо муайян карда мешаванд, минбаъд бошад чораҳои пешгирӣ бо назардошти вазифаҳои бевоситаи ҳар як хадамот амалӣ карда мешаванд. Масалан, кумитаи иҷроияи шӯрое, ки дар қаламрави он лоиҳа амалӣ карда мешавад, бояд тавассути қарори худ хадамоти зерсохторро ба кор ҷалб намояд: тандурустӣ, маориф, воситаҳои ахбори омма, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ, ҳифзи

иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, ҳифзи меҳнат ва муҳити атроф, муҳофизати тартиботи ҳуқуқ ва бозрасии давлатии автомобилӣ. Ба роҳбарони корхонаву муассисаҳо бояд вазифаҳои ҳифзи меҳнат, аз худ намудани технология бо зарари камтарин барои саломатӣ, солимгардонии кормандон, фароҳам овардани фазои солими психологӣ дар коллектив, ҳавасманд намудани онҳое, ки саломатии худро нигоҳ медоранд, варақаҳои корношоямӣ надоранд ва ғайра гузошта шавад. Мақомоти маориф бояд тавассути барномаҳои мактабӣ, кор бо волидон, бо оилаи хонандагон ба кӯдакон таълим додани тарзи ҳаёти солимро таъмин намоянд (тамоку накашидан, баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги худ, ба варзиш машғул шудан, истеъмоли дурусти ғизо ва ғайра). Муассисаҳои кишоварзӣ, савдо ва хӯроки умумӣ бояд барои парвариш, ба шабакаҳои савдо овардан, муаррифӣ намудани маҳсулоти хӯрокворие чораҳо андешанд, ки барои таъмин намудани нигоҳдории саломатии аҳолӣ бо назардошти даромади воқеӣ ва махсусан пасти аҳолӣ қобилият доранд, зеро маҳз ин гурӯҳи одамон нисбатан бисёртаранд ва нишондиҳандаҳои асосии манфии беморшавӣ, маъюбшавӣ, фавт дар синни қобили меҳнатро инъикос менамоянд.

97. Ҳар як хадамот дар доираи салоҳияти худ вазифаҳое дорад, ки ҳалли онҳо бевосита ё бавосита ба саломатии одам таъсир мерасонанд. Барнома дар ҳар як хадамот мавҷуд будани нақшаҳои худро пешбинӣ менамояд, ки барои ба даст овардани ҳадафҳо равона карда шудаанд. Натиҷаи муттаҳид намудани кӯшишҳои бахшҳои ғайритиббии ҷомеа дар ҷараёни муоинаҳои интихобии аҳолӣ, ки аз тарафи муассисаҳои тандурустӣ гузаронида мешаванд, арзёбӣ мешавад.

98. Таъсири пешгирӣ ба аҳолӣ набояд ба таври фишор - иҷборӣ ва гарон ё бо самараи шубҳанок бошад. Истисно намудани падидаҳои "ширкатгароӣ" ва "популизм" - и барои мо хеле хос зарур аст. Чорабиниҳоро вобаста ба шароитҳои мушаххас, анъанаҳо ва урфу одатҳои аҳолӣ, дараҷаи маърифатию мадании онҳо ва ғайра интихоб намудан лозим аст. Оид ба ин масъала дар ташаккули солимии ахлоқӣ конфессияҳои динӣ саҳми муҳим гузошта метавонанд.

99. Таҷрибаи Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Англия, Канада, Фаронса ва Финляндия нишон медиҳад, ки роҳи нисбатан арзону самаранок фаъолона ҷалб намудани воситаҳои ахбори омма мебошад, ки дар он илм ва амалияи тиббӣ асосан нақши методологӣ мебозанд.

100. Дар лоиҳаи мазкур фаъолона дохил намудани ташкилотҳои ҷамъиятӣ, махсусан онҳое, ки бо оммаи васеи аҳолӣ кор мебаранд ва дар байни онҳо обрӯю эътибор доранд, пешбинӣ карда шудааст. Масалан, ҷамъияту ҳаракатҳои гуногуни касбӣ, тибби мардумӣ. Имрӯз тавассути табибони мардумӣ ба аҳолӣ ба таври фаврӣ ҳам ғояҳои оқилонаи солимгардонӣ, ҳам муносибатҳои гуногуни муаррифинашудае расонида мешаванд, ки мувафаққияти онҳо хеле шубҳаовар аст. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо онҳо ва кӯмак расонидан дар муаррифии муносибатҳои оқилона тавассути лоиҳаҳои намоишкоронае, ки имрӯз ташкилотҳои ҷамъиятӣ қувваи амалӣ кардани онҳоро надоранд ва фақат аз тарафи муассисаҳои давлатии

тандурустӣ татбиқ карда мешаванд, мувофиқи мақсад аст. Чунин муносибат барои роҳ кушодан ба падидаҳои оқилона ва изҳор намудани ақидаҳои асоснок оид ба усулҳои шубҳаовар ва бесамар, ки мустақилона аз тарафи аҳолӣ сарфаҳм рафтани онҳо амалан номумкин аст, имконият медиҳад. Пурра истисно намудани "тиҷоратнокшавии" тибби мардумӣ ва шифобахшӣ зарур аст.

101. Дар сохтори Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии тиббии профилактии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон додани сохтори алоҳидаи ҳамоҳангсозӣ ба нақша гирифта мешавад.

102. Маблағгузории лоиҳаҳо. Пешбинӣ карда мешавад, ки маблағгузорӣ аз тарафи мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ки лоиҳаро татбиқ менамоянд, дастгирӣ карда мешавад. Вале таҷрибаи босамари як қатор мамлакатҳо нишон медиҳад, ки ҳамчунин ҷалб намудани сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ низ зарур аст. Масалан, дар Канада дар давоми 5 соли амали Барнома зиёда аз 350 лоиҳаҳо ташкил карда шудаанд. Ҳамзамон агар давлат як доллари ШМА маблағгузорӣ намояд, 10 доллари ШМА аз фондҳо, ширкатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хайрияҳои хусусӣ, маблағҳои корхонаҳои гуногун ва ғайра ҷалб карда мешаванд. Дастгирии муайяни мақсадноки лоиҳаҳо, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ андешида мешавад, бояд дар доираи маблағҳои пешбинишуда ҳам аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва ҳам маҳаллӣ сурат гирад.

103. Мақомоти идоракунии лоиҳа. Шӯрои ҳамоҳангсозии лоиҳа созмон дода мешавад, ки намояндагони хадамотҳои гуногунро дар бар гирифта, сардори он - роҳбари лоиҳа мебошад. Беҳтараш дар он ҷое ки имконият ҳаст, сардори лоиҳа мутахассиси соҳаи пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ бошад, ё илова ба роҳбари асосӣ роҳбари илмии лоиҳа таъин карда шавад, ки дар марҳилаҳои аввали кор хеле муҳим аст.

Азбаски лоиҳа иҷро намудани ҳаҷми калони корҳои ғайримуқаррариро талаб менамояд, аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ, ҳавасмандкунии моддии мутахассисоне зарур аст, ки ба ташкили лоиҳа, таҳияи ҳуҷҷатҳо, муоинаҳои санҷишӣ, шаклҳои гурӯҳии таъсироти пешгирӣ, омода намудани ёддоштҳо, иттилоот барои мутахассисон ва аҳолӣ машғуланд.

Лоиҳаҳоро дар сатҳи шаҳр, ноҳия, вилоятҳо яке аз муовинони раиси Шӯро роҳбарӣ менамояд.

## 10. Хулоса

104. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди ҳар гуна мамлакати рӯ ба инкишоф мушкилоти бемориҳои ғайрисироятӣ вуҷуд дорад, ки шиддатнокии он маъмулан зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон, талафоти иқтисодӣ ва инсонӣ хеле баланд боқӣ монда, вобаста ба андозаи шаҳришавии аҳолӣ, пиршавии он ва таъсири манфии экологии муосир афзоиш ёфта истодааст. Бӯҳрони иқтисодию молиявии ҷамъияти муосир вазъиятро душвор намуда истодааст.

105. Рушди тибби муосир, ислоҳоти самараноки тандурустӣ бе маблағгузории кофӣ ғайриимкон аст. Ҳамаи ин зарурати ногузири ҷустуҷӯ намудани маблағҳои иловагӣ, истифодаи нисбатан самараноки онҳо аз рӯи

самтҳои нисбатан афзалиятнок бо рушди ҳамзамони амалиёти бисёромилаи пешгирӣ, ки ба таври фардӣ ба ҳар як аъзои ҷомеа ва коллектив, дар маҷмӯъ ба тамоми аҳолӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, этникӣ ва иқлимию ҷуғрофии маскуният ҳангоми вуҷуд доштани захираҳои маҳдудро ба миён меоварад. Дар ҷамъияти мо ҷалбкунии нисбатан васеъ ва самараноки тандурустии ҷамъиятӣ зарур аст, зеро тандурустии ҷамъиятӣ - ин илм ва санъати пешгирӣ намудани бемориҳо, ба вуҷуд овардани дарозумрии фаъолона ва таъмин намудани саломатӣ бо роҳи кӯшишҳои муташаккили ҳамаи сохторҳо ва ҳамаи аъзои ҷомеа мебошад. Бо мақсади назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои барои пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ пешбинишуда, дар лоиҳаи Дурнамо мутобиқ ба талаботи қонунгузории амалкунанда ҷиҳати таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар назди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамаи лоиҳаҳои буҷетию грантӣ ва дигари дар ин соҳа пешбинишуда дар сомонаи интернетии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлилҳои хавфҳои коррупсия дар ин соҳа мунтазам гузаронида шуда, аз ҷумла маълумоти воҳиди аудити дохилии вазорат интишор карда мешавад.

106. Мувофиқи ин муқаррарот, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи иттиҳоди миллатҳо, ҳамчун намояндаи тамаддуни қадимтарини инсоният бо камоли масъулият даъватҳои муосири шаҳришавӣ ва тағйироти ҷиддии экологиро эътироф намуда, тамоми талафоти зиёдшавандаи инсонӣ ва моддии инсониятро аз бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ эътироф намуда, ба тавсияҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба таҳияву татбиқи Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2023 ҳамроҳ мешавад.